# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа» (дар мисоли вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ**

Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор соли 2019 шуъбаи рӯзонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳо хатм намудааст. Соли 2021 ба шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идора дар гурӯҳи буҷавӣ қабул шуда, соли 2024 онро хатм кардааст. Аз соли 2019 то соли 2021 ассистенти кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкорӣ, аз сентябри соли 2022 то ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият карда истодааст. Инчунин, аз соли 2025 дар вазифаи раиси бахши кор бо духтарон ва занони донишгоҳи мазкур фаъолият дорад.

Бояд қайд намуд, ки Абдуҷабборзода Д.А. ҳангоми иҷрои корҳои илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷанбаҳои назариявии мавзуи мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст. Инчунин, ӯ ҳамасола дар конференсияҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо ва фишурдаҳои худ баромад намудааст.

Роҷеъ ба мавзуи диссертатсионӣ 11 маводи илмӣ таҳия намудааст, ки аз ин 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи илмӣ дар конференсияву дигар маҷаллаҳои илмӣ ба тавсиб расонидааст.

Аз тарафи Абдуҷабборзода Д.А. дар раванди таҳқиқот усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳо истифода шудаанд. Инчунин диссертатсия ба асарҳои олимон ва муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, ки ба омӯзиши назария ва методологияи такмили механизми инноватсионии соҳа саноат, алалхусус дар бахши истеҳсоли масолеҳои сохтмонӣ бахшида шудаанд, асоснок карда шудааст.

Рисолаи диссертатсионии Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи “Ташаккули механизми инноватсионии рушди истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)” натиҷаи кори тӯлонӣ буда, тадқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Мавзуи

рисола ба зарурати ташаккули механизми инноватсионии рушди истеҳсоли масолеҳои сохтмонӣ ҳамчун омили калидӣ ва муҳими таҳкими рушди иҷтимою иқтисодии кишвар бахшида шуда, дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Ин масъала таваҷҷуҳи хосаи илмию амалиро ба худ ҷалб менамояд ва дар равандҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Махсус қайд кардан зарур аст, ки дар рисола равишҳои назариявӣ-методӣ оид ба омӯзиши механизми рушди инноватсионӣ ва масъалаҳои мутобиқсозии он дар бахши истеҳоли масолеҳҳои сохтмонии вилояти Хатлон ба таври муфассал баррасӣ гашта, аз нуқтаи назари татбиқи афзалиятҳои стратегӣ аҳамияти аввалиндараҷаро пайдо мекунад.

Сарфи назар аз шумораи зиёди корҳои таҳқиқотие, ки ба паҳлӯҳои гуногуни рушди инноватсионии саноат бахшида шудаанд, довталаб барои худ ҳадафи ҷиддӣ ва муҳимеро муайян намудааст, ки маҳз тавассути навгониҳои илмӣ ва таҳлили амиқ инъикоси худро пайдо кардаанд.

Инчунин сифати мусбати кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф афзалиятҳои механизми рушди инноватсиониро барои истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар вилояти Хатлон, дар асоси гурӯҳбандии бисёрсатҳии нишондиҳандаҳое, ки иқтидории инноватсоионии соҳаро дар иқтисоди миллӣ тавсиф мекунанд, ба таври мушаххас баррасӣ ва муайян намудааст.

Дар баробари ин, бартарии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки механизмҳои минбаъдаи рушди инноватсионӣ барои истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар кишвар ва минтақаҳои он ҳам бо афзоиши иқтидорҳои инноватсионии мавҷуда аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ асоснок шудааст.

Мавриди таҳлил қарор гирифтани масъалаҳои марбут ба ҳолати истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва баҳодиҳии иқтидори инноватсионии соҳа дар вилояти Хатлон, аз ҷумла таҳлили истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ ва вазъи бозори минтақа, системаи нишондиҳандаҳои иқтидори инноватсионии соҳаи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва инчунин мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додани хусусиятҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии табиӣ дар вилояти Хатлон, аз сатҳи баланди илми-таҳлилии корҳои анҷомдодаи диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин, муаллиф дар таҳқиқот ба масъалаҳои такмили механизми рушди истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонии рақобатпазир бо истифодаи ашёи маҳаллӣ диққати махсус зоҳир намудааст, ки омӯзиши ҳадафҳои асосии стратегияи инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ ва дурнамои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ барои солҳои 2025 -2035 дар вилояти Хатлон дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад.

Дар раванди иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф доираи васеи манбаъҳои илмии ватаниву хориҷиро, ки ба масъалаҳои рушди инноватсионии соҳаи саноат, алалхусус саноати истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ бахшида шудаанд, ҳамаҷониба омӯхтааст. Бо такя ба таҳлили амиқи механизмҳои инноватсионӣ дар соҳаи саноат ва бо дарназардошти татбиқи ҳадафи чоруми стратегии миллӣ саноатикунонии босуръат, муаллиф тавсияҳои муассир ва дорои аҳаммияти амалиро доир ба механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар шароити вилояти Хатлон пешниҳод намудааст.

Аз ин ҷиҳат, натиҷаҳои арзишманди таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳ бар он медиҳанд, ки унвонҷу на танҳо ба мавзуи таҳқиқоти таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст, балки дорои сифатҳои баландии шахсӣ ва маҳорати касбӣ мебошад, ки барои анҷом додани чунин таҳқиқоти муҳиму ҳамаҷониба заруранд.

Аз ин рӯ, рисолаи диссертатсионии Абдуҷабборзода Д.А. таҳқиқоти амиқ ва густурдаи илмӣ ба ҳисоб рафта, дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ анҷом дода шудааст. Сатҳи баланди касбияти муаллиф дар самти таҳқиқоти масъалаҳои рушди равандҳои истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ аз ҷумла, ошкори самтҳои инноватсионии рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар вилояти Хатлон аз камолоти илмии ӯ шаҳодат медиҳанд. Дуруст ва эътимоднокии муқарраароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола баёнгардида аз арзиши амалии мавод гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Абдуҷабборзода Дилором Абдуҷаббор дар мавзуи «Ташаккули механизми рушди инноватсионии истеҳсоли масолеҳҳои сохтмонӣ дар минтақа» (дар мисоли вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. – Иқтисодиёти ҳудудӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Фақеров Ҳ.Н.

Дурустии имзои Фақеров Ҳ.Н.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ : Мирҷамолов М.А.

26.06.2026с.